# Аҳамияти ташаббуси Тоҷикистон оид ба қабули қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»

Аз сабаби ҷангҳои миқёси калон дар Ховари Миёна ва Украина то низоъҳои тулонии дохилӣ дар Судон ва Сомалӣ, сайёра дар ҳолати шиддати баланди геополитикӣ қарор дорад. Дар чунин шароит Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо такя ба таҷрибаи нодири сулҳи миллӣ, ташаббусеро пешниҳод менамояд, ки метавонад ба як марҳалаи тақдирсоз дар ҳифзи суботи ҷаҳонӣ табдил ёбад. 24 сентябри соли 2024, дар доираи «Ҳамоиши оянда»-и Созмони Милали Муттаҳид дар Ню-Йорк Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки қатъномаи махсус бо номи **«Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»** қабул карда шавад. Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Тоҷикистон солҳои 2027–2036-ро **«Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»** эълон кард. Ҳадафи асосии ин ташаббус ҳифзи сулҳ, пешгирии низоъҳо, таҳкими таҳаммулгароӣ ва фароҳам овардани шароити амн бароиояндаи башарият мебошад. Аҳамияти стратегии ин иқдом дар он изҳор мегардад, ки имрӯз башарият триллионҳо долларро барои ниёзҳои низомӣ сарф мекунад. Ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бознигарии ин афзалиятҳо нигаронида шудааст. Равона кардани маблағҳо аз бахши низомӣ ба соҳаҳои рушди устувор, маориф, тиб ва инноватсия на танҳо ба решакан кардани гуруснагӣ ва бисёр бемориҳо кӯмак мерасонад, балки барои шукуфоии наслҳои оянда замина фароҳам меорад. Коҳиш додани сатҳи мусаллаҳшавӣ роҳи мустақим ба сӯйи пешгирии фалокатҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла хатари истифодаи силоҳҳои қатли ом мебошад.

Пешниҳоди Тоҷикистон бо Ҳадафи 16-уми рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид («Сулҳ, адолат ва ниҳодҳои қавӣ») комилан мувофиқ аст. Бе сулҳ ноил шудан ба муваффақият дар масъалаҳои тағйирёбии иқлим ё таъмини амнияти озуқаворӣ ғайриимкон аст. Сулҳ шарти асосии бақои инсоният дар баробари таҳдидҳои экологӣ, аз қабили обшавии пиряххо ва норасоии оби тоза мебошад.

Ташаббус ба дипломатияи пешгирикунанда такя мекунад. Таҳлили вазъи сиёсӣ, миёнаравӣ ва истифода аз механизмҳои Созмони Милали Муттаҳид барои қатъи низоъҳо аз реша ягона роҳи пешгирӣ аз фалокатҳои гуманитарӣ ва муҳоҷирати

оммавӣ мебошад. Таваҷҷуҳи махсус ба насли наврас дода мешавад. «Даҳсолаи таҳкими сулҳ» фароҳам овардани муҳити ҷаҳонии таълимиро дар назар дорад, ки дар он таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ ва фарҳанги муколама на танҳо як назария, балки тарзи зиндагӣ мегардад. Ҷаҳон кӯшишҳои зиёди ҳалли баҳсҳоро дидааст, аммо «модели сулҳи тоҷикон» аз ҷониби коршиносони Созмони Милали Муттаҳид ва пешвоёни ҷаҳонӣ (аз ҷумла Дабири кулли собиқи Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан) ҳамчун яке аз муваффақтарин намунаҳои хотима бахшидан ба низоъҳои дохилӣ тавассути раванди гуфтушунид эътироф шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки кишварро дар яке аз саҳифаҳои фоҷиабори таърихаш роҳбарӣ кардаанд, исбот намуданд, ки ҳатто тезутундтарин низоъҳои дохилиро тавассути муколамаи хирадмандона ва расидан ба ризоияти миллӣ ҳал кардан мумкин аст. Имрӯз ин таҷриба ба сатҳи ҷаҳонӣ бароварда мешавад. Тоҷикистон, ки дар Конститутсияи худ таблиғоти ҷангро манъ карда, ба сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна содиқ аст (моддаи 11-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳуқуқи маънавии даъват кардани ҷомеаи ҷаҳониро барои муттаҳид кардани талошҳо дорад. Барои он ки ташаббуси «**Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда**» самараи воқеӣ диҳад:

-муттаҳидсозии талошҳо тавассути сохторҳои махсуси СММ (ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Шурои ҳуқуқи инсон) ва созмонҳои минтақавӣ (ИДМ, СҲШ, САҲА);

-ҷалби фаъолонаи созмонҳои ғайриҳукуматӣ, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои тарғиби сулҳ ҳамчун арзиши олии башарият;

-идома додани амалияи намояндагии сатҳи баланди Тоҷикистон дар ҳамоишҳои байналмилалӣ барои лобби кардани ин қатънома ҳамчун «бренди миллӣ»-и сулҳофарӣ зарур мебошад.

Дар қатънома ҳадафҳо ва принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, ба вежа иродаи «наҷоти наслҳои оянда аз офати ҷанг» ва уҳдадории ҳалли мусолиматомези баҳсҳо бозтоб ёфтааст. Он инчунин аҳамияти Эъломия ва Барномаи амал оид ба фарҳанги сулҳро ҳамчун ваколати умумиҷаҳонӣ барои таблиғи фарҳанги сулҳ ва адами хушунат эътироф менамояд. Тибқи муқаррароти ин санад, Маҷмаи Умумӣ солҳои 2027-2036-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда эълон кардааст. Ҳадафҳои асосии даҳсола аз мусоидат ба таҳкими сулҳ, ташвиқи муколама ва мусолиҳа, инчунин

дастгирии таомул миёни наслҳо, аз ҷумла кӯдакон, ҷавонон ва пиронсолон, бо назардошти ниёзҳо ва манфиатҳои наслҳои оянда дар таҳияи сиёсат ва равандҳои қабули қарорҳо иборат мебошанд.

**Ҳамин тариқ,** пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон посух ба чолишҳои замони мост. Он баҳсро дар бораи сулҳ аз сатҳи «набудани ҷанг» ба сатҳи «бунёди оянда» мебарад. Дар давроне, ки ҷаҳон дар остонаи рӯёрӯӣ қарор дорад, ташаббуси Тоҷикистон чун даъват ба хирад садо медиҳад. Қабул ва иҷрои қатъномаи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» ба саҳми таърихӣ табдил хоҳад ёфт, ки ҳуқуқи зиндагии бехатар, озод ва арзандаро таъмин мекунад. Ин на танҳо сиёсат, балки қарзи маънавии насли имрӯз дар наздиояндаи башарият аст.

Раҷабов С.М номзади илмҳои таърих,
мушовири директор ва кор бо робитаҳои байналмилалии ПРМ АТТ

